ХУЛОСАИ
Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 31.10.2026, №21
Барои сазовор донистани Набизода Маҳфуза Раҳмат, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат дар мавзӯи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод гардидааст, аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5), ки дар асоси фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти №488/шд таъсис ёфтааст, ба ҳимоя қабул карда шуд (№34 аз 28.08.2026).

Довталаби дараҷаи илмӣ – Набизода Маҳфуза Раҳмат, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 14.04.1976 таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик.

Соли 2005 ба факултети Иқтисодиёт ва технологияҳои информатсионии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дохил шуда, онро соли 2010 аз рӯи ихтисоси “Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳо” хатм намудааст.

Аз соли 2010 то соли 2023 ба ҳайси мутахассиси маркази компютерӣ, сармутахассиси шуъбаи таҳсилоти ғоибона, корманди шуъбаи таълим, мудири курсҳои тайёрии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд фаъолият намудааст.

Аз соли 2023 инҷониб ҳамчун Директори МД “Коллеҷи сайёҳӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоии шаҳри Хуҷанд”-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият дорад. Оиладор, соҳиб ду фарзанд.

Аз соли 2017 то соли 2022 ба ҳайси унвонҷӯи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолияти илмӣ пеш бурдааст.

Мавзуи рисолаи илмии унвонҷӯ «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд» бо қарори шурои олимони Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 03.01.2018 (протоколи №5) тасдиқ карда шудааст.

Роҳбари илмӣ: Асрорзода Убайдулло Саттор, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат дар ҷаласаи кушоди кафедраи “Иқтисодиёт ва соҳибкорӣ”-и Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (02.07.2026, суратҷаласаи №11.1.) муҳокима гардида, бо назардошти ислоҳи эродҳои ҷойдошта барои баррасӣ ба Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-063 аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод гардидааст.

Муқарризони расмӣ:

- Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич – д.и.и., профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

- Шодиев Кӯҳзод Қурбонбоевич - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи соҳибкорӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз, асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Хулосаи мусбати муассисаи пешбар аз тарафи коршинос Бойназарова Моҳира Маҳмараҷабовна, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таҳия гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги муассисаи мазкур (аз 22.09.2026, суратҷаласаи №2.1.) баррасӣ гардидааст ва аз тарафи ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, д.и.и. Раҳмонзода Зоир Файзалӣ тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсияи Набизода М.Р. дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраршудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591) ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ омода гардидааст, дар он масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Набизода Маҳфуза Раҳмат сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 11 интишори илмӣ, аз ҷумла, 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

дар нашрияҳои тақризшаванда:

1. Набизода М.Р. Государственная стратегия по привлечению женщин к трудовой деятельности в условиях Республики Таджикистана [Текст]/ М.Р. Набизода // "Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав".- Бохтар, 2026.- №1-2(147).-с. 236-244.

2. Набизода М.Р. Ҷанбаҳои институтсионалии рушди соҳибкории занон дар минтақа [Текст]/ М.Р. Набизода // "Иқтисод ва сайёҳӣ: тамоюл ва дурнамо" Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.- Душанбе, 2026.- №1(9).-с. 297-310;

3. Набиджанова М.Р. Особенности развития малого бизнеса в Республике Таджикистан в условиях кризиса [Текст]// М.Р. Набиджанова // Журнал правовых и экономических исследований. –Питер, 2018.-№2.-с. 200-205;

4. Набиҷонова М.Р. Соҳибкорӣ ҳамчун шакли шуғли занон [Текст]/ М.Р. Набиҷонова // "Осиё ва Аврупо" Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо – Душанбе,2023 №1(13). – с. 156-163;

5. Набиджанова М.Р. Институциональные основы регулирования занятности женщин в условиях рынка [Текст]// М.Р. Набиджанова //Гузоришҳои академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. - №4(74).-с.85-91;

дар дигар нашрияҳо:

6. Организационно-экономические проблемы развития женского предпринимательства в регионе. Конф. байн. байнисоҳавӣ: самтҳои муосири илм, инноватсия ва рушди устувор дар шароити таҳаввулоти ҷаҳонӣ. Душанбе: ДБССТ, апрел 2026.

7. Шаклҳои шуғли занон ва нақши соҳибкорӣ дар низоми мазкур. Форуми илмию амалии байналмилалӣ: Масъалаҳои таъмини рушди устувори сайёҳиву соҳибкорӣ ва иқтисоди сабз. (ДБССТ, Душанбе -2025). №1-2 (147);

9. Информационные технологии в развитии экономики, основанной на знаниях. Материалы VI международной научно практической конференции «Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики» ДДТТ, Душанбе – июнь 2018, сах.475-477;

Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:

1) Тақриз аз номи д.и.и., профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ризозода Тӯра Рабим бо чунин эродҳо:

- масъалаи арзёбии самаранокии иқтисодии баъзе тадбирҳои пешниҳодшуда, аз ҷумла қарзҳои имтиёзнок ва марказҳои машваратӣ, метавонад дар таҳқиқотҳои минбаъда бо нишондиҳандаҳои мушаххаси молиявӣ пурра карда шавад;

- тавсия дода мешавад, ки ҳангоми татбиқи модели институтсионалии пешниҳодшуда масъулияти субъектҳои асосии давлатӣ, молиявӣ ва инфрасохторӣ боз ҳам дақиқтар тақсим карда шавад.

2) Тақриз аз номи д.и.и., профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» Алиҷонов Ҷ.А. бо чунин эродҳо:

- дар баъзе мавридҳо робитаи миқдории байни омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди соҳибкории занонро бо нишондиҳандаҳои мушаххаси оморӣ бештар возеҳ нишон додан мумкин буд;

- дар баъзе ҳолатҳо пешниҳоди натиҷаҳои муқоисавӣ байни шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд метавонист тасвири минтақавии фарқиятҳоро боз ҳам пурратар намояд.

3) Тақриз аз номи н.и.и., дотсенти Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Обидова М.Р. бо чунин эродҳо:

- ҳангоми тавсифи механизми институтсионалии рушди соҳибкории занон метавон вазифа ва ҳамоҳангсозии байни мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва сохторҳои инфрасохтории соҳибкориро боз ҳам мушаххастар нишон дод;

- баҳодиҳии дурнамои рушди соҳибкории занон асосан дар шакли самтҳои пешниҳодшуда ифода ёфтааст ва истифодаи сенарияҳои алтернативии рушди минбаъда метавонист ин қисмро боз ҳам мукаммал намояд.

4) Тақриз аз номи н.и.и., дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳмадбекова М.Н. бо чунин эродҳо:

- баъзе пешниҳодҳои марбут ба рушди дастгирии молиявӣ метавонанд бо нишон додани меъёрҳои мушаххаси арзёбии натиҷабахши онҳо пурратар гарданд;

- масъалаи таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба интихоби фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби занон метавонад бо маълумоти иловагии эмпирикӣ боз ҳам амиқтар асос карда шавад.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 қайд менамояд, ки диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд» таҳқиқоти илмӣ-квалификатсионии мустақилона ва анҷомёфта буда, ба рушди муқаррароти назариявию методӣ, таҳлили ҳолати муосир, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ва асосноккунии самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Мубрамияти таҳқиқот бо зарурати баланд бардоштани иштироки иқтисодии занон, таъмини шуғли самаранок, рушди соҳибкории хурду миёна, таҳкими мустақилияти иқтисодии занон, беҳтар намудани дастрасии онҳо ба захираҳои молиявӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа муайян карда мешавад.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи довталаб:

• **таҳия шудааст** таърифи муаллифии мафҳуми «соҳибкории занон», ки онро ҳамчун низоми муносибатҳои иқтисодии ба ташаббус, масъулият ва таваккали иқтисодии занон асосёфта, бо мақсади ба даст овардани фоида, худтатбиқнамоӣ ва таъмини мустақилияти иқтисодии онҳо дар ҷомеа тавсиф менамояд;

• **пешниҳод шудааст** консепсияи илмии рушди соҳибкории занон ҳамчун шакли самараноки таъмини шуғли онҳо, ки ба ҳамгироии омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, институтсионалӣ ва гендерӣ асос ёфтааст;

• **асоснок карда шудаанд** заминаҳои назариявӣ ва институтсионалии ташаккул ва рушди соҳибкории занон дар шароити иқтисодиёти муосир, ки маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва психологиро фаро мегиранд;

• **ошкор карда шудаанд** тамоюлҳо, хусусиятҳо ва қонуниятҳои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд, инчунин омилҳои демографӣ, муҳоҷирати меҳнатии мардон, сохтори соҳавии иқтисодиёт, сатҳи таҳсилот ва дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, ки ба фаъолнокии соҳибкории занон таъсир мерасонанд;

• **исбот шудааст**, ки байни рушди фаъолияти соҳибкории занон ва сатҳи шуғли онҳо дар вилояти Суғд робитаи мустақим ва мусбати қавӣ мавҷуд буда, афзоиши шумораи занони соҳибкор ба баланд гардидани сатҳи шуғл ва рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа мусоидат менамояд;

• **пешниҳод шудаанд** тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили механизмҳои дастгирии соҳибкории занон, густариши дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, баланд бардоштани саводнокии иқтисодӣ ва рақамӣ, рушди инфрасохтори соҳибкорӣ ва истифодаи технологияҳои муосир.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда мешавад, ки:

• **исбот шудаанд** муқаррароти илмӣ оид ба нақши соҳибкории занон ҳамчун яке аз шаклҳои муҳими шуғли самаранок, воситаи таъмини мустақилияти иқтисодӣ ва омили рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа;

• **вобаста ба масъалагузории диссертатсия самаранок ва бо ба даст овардани натиҷаҳои дорои навгонии илмӣ истифода шудаанд** муқаррароти назарияи соҳибкорӣ, назарияи бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, назарияи рушди минтақавӣ, муносибатҳои

институтсионалӣ ва равишҳои иқтисодии таҳқиқи иштироки занон дар фаъолияти соҳибкорӣ;

• **омӯхта шудаанд** заминаҳои назариявӣ ва институтсионалии рушди соҳибкории занон, таҷрибаи ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ва нақши механизмҳои давлатӣ дар ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкории занон;

• **муайян карда шудаанд** хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва институтсионалии рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд, аз ҷумла таъсири омилҳои демографӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, сатҳи маълумотнокӣ, сохтори соҳавии иқтисодиёт ва имкониятҳои маблағгузорӣ;

• **такмил дода шудаанд** равишҳои назариявию методӣ ба таҳқиқи соҳибкории занон тавассути омӯзиши маҷмуии омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалӣ ва арзёбии таъсири онҳо ба сатҳи шуғл ва рушди иқтисоди минтақавӣ.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои амалия бо он тасдиқ карда мешавад, ки:

• **муайян шудаанд** самтҳои афзалиятноки дастгирии соҳибкории занон, аз ҷумла беҳтар намудани дастрасӣ ба маблағгузорӣ, рушди инфрасохтори соҳибкорӣ, баланд бардоштани сатҳи донишҳои иқтисодӣ ва малакаҳои рақамӣ;

• **асоснок карда шудааст** зарурати такмили механизмҳои дастгирии давлатии соҳибкории занон бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, демографӣ ва институтсионалии вилояти Суғд;

• **муайян карда шудааст**, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти рушди иқтисодӣ, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва ташкилотҳои молиявӣ ҳангоми таҳияи тадбирҳои дастгирии соҳибкории занон, муқаррароти назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълими фанҳои иқтисодиёти соҳибкорӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, иқтисодиёти минтақавӣ ва бозори меҳнат истифода шаванд *(маълумотномаи Раёсати рушди иқтисод, савдо ва мониторинги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, №114/3 аз 03 июни с.2026, маълумотномаи ҶДММ «Озара» аз 05.05.2026 ва маълумотномаи Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд, №296 аз 13.12.2025)*.

• **пешниҳод шудаанд** роҳҳои таҳкими таъминоти молиявии фаъолияти соҳибкории занон, баланд бардоштани дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои молиявӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди фаъолияти иқтисодии занон;

Арзёбии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки:

• **назарияи таҳқиқот бунёд шудааст** дар заминаи муқаррароти назарияи иқтисодӣ, назарияи соҳибкорӣ, назарияи рушди минтақавӣ, назарияи бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, инчунин таҳқиқоти илмии олимони ватанию хориҷӣ оид ба соҳибкории занон;

• **ғояи таҳқиқот асос ёфтааст** ба фарзияи илмие, ки тибқи он ҷалби бештари занон ба фаъолияти соҳибкорӣ имконият фароҳам меорад, ки сатҳи бекорӣ дар байни онҳо коҳиш ёфта, шуғли самаранок ва мустақилияти иқтисодӣ таъмин гардида, рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа тақвият ёбад;

• **истифода шудаанд** усулҳои системавӣ, омӯзиши омилҳо, пурсишнома, таҳлили экспертӣ, иқтисодию риёзӣ, таҳлили иҷтимоӣ, муқоисавӣ ва арзёбии нишондиҳандаҳои миқдорию сифатӣ;

• **асоснокии натичаҳо таъмин гардидааст** тавассути истифодаи усулҳои эътирофшудаи таҳқиқоти иқтисодӣ, муқоисаи нишондиҳандаҳои рушди соҳибкории занон ва арзёбии таъсири фаъолияти соҳибкорӣ ба шуғли занон дар вилояти Суғд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ аз инҳо иборат мебошад:

• мустақилона муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи илмии таҳқиқот, инчунин асоснок намудани мубрамияти омӯзиши соҳибкории занон дар вилояти Суғд;

• таҳқиқи асосҳои назариявию методии соҳибкории занон, низомбандии ақидаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ ва таҳияи таърифи муаллифии мафҳуми «соҳибкории занон»;

• гузаронидани таҳлили вазъи муосир, хусусиятҳо ва тамоюлҳои рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд дар асоси маълумоти оморӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти мустақилона;

• асоснок намудани робитаи байни рушди соҳибкории занон ва баланд гардидани сатҳи шуғли онҳо, инчунин муайян намудани нақши соҳибкорӣ дар таъмини мустақилияти иқтисодии занон;

• асоснок намудани модели институтсионалии рушди соҳибкории занон дар минтақа ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили механизмҳои дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ;

• таҳияи пешниҳодҳо оид ба бехтар намудани дастрасии занони соҳибкор ба захираҳои молиявӣ, рушди инфрасохтори соҳибкорӣ, баланд бардоштани саводнокии иқтисодию рақамӣ ва истифодаи технологияҳои муосир.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 31 октябри соли 2026 қарори сазовор донистани Набизода Маҳфуза Раҳмат ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар иштирок доштанд (1 нафар – иштироки маҷозӣ), аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар.

Овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил - нест, бюллетени беэътибор - нест.

Раиси шурои
диссертатсионӣ, д.и.и., профессор **Шарофзода Ф.Р.**

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент **Исмоилов А.А.**